# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Компрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Сайёҳӣ барои ҳар як кишвари ҷаҳо яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт бо истифода аз имкониятҳои худ дар сатҳи байналмилалӣ кушиш ба харҷ дода истодааст. Бахусус, дар даврони соҳибистиқлолӣ ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосса Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бештар гардида, масъалаи ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва дар маҷмуъ муаррифӣ кардани давлати тоҷикон торафт афзуда, аҳаммияти бештарро касб мекунад.

Дар тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нақши журналистикаи тоҷик, аз ҷумла матуботи маҳаллӣ назаррас буда, аз ин минбар баррасӣ кардани вазъи сайёҳӣ ва дурнамои он дастрас мебошад.

Диссертатсияи Расулзода Компрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» ба мавзуи мубрами тревелжурналистика бахшида шуда, дар мисоли матбуоти маҳаллии Хатлон мураттаб гардидааст.

Дар илми журналистикаи тоҷик нахустин маротиба нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, касбият ва усули инъикоси марбут ба сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилояти Хатлон дар нашрияҳои «Хатлон»-у «Сафо» бо дарназардошти мазмуну мундариҷа ва сохтори жанрӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертант моҳияти мавзуъро дуруст дарк намуда, дар пажӯҳиши худ бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ масъалаи баррасишавандаро дар қолаби муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёту манобеи истифодашаванда ба шакл даровардааст.

Муаллиф дар боби аввали диссертатсия масъалаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро дар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда, инъикоси онҳоро дар матбуоти даврии маҳаллӣ баррасӣ намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия бозтоби масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияи "Хатлон" ва маҷаллаи "Сафо" мавриди омӯзиш

қарор дода шудааст. Таҳлили журналистии мавод дар мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ тавассути муқоиса, таҳлили оморӣ воқеънигорона ва илман асоснок сурат гирифтааст.

Диссертант натанҳо маводи чопии нашрияҳои "Хатлон" ва "Сафо", балки инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро тавассути сомона, шабакаҳои иҷтимоии ин расонаҳоро низ омӯхтааст.

Боби сеюми рисола оид ба вижагиҳои жанрии маводи матбуоти даврии маҳаллӣ оид ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баҳс мекунад. Дар он хусусияти жанрӣ, услуби нигориши муаллифон таҳлил шудааст. Муаллиф маълум кардааст, ки дар нашрияҳо имконоти ҳар се гурӯҳи жанрҳои журналистӣ – ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ истифода шуда, аксари мавод дар қолаби хабар, репортаж, мусоҳиба, ҳисобот, мақола, очерк ва лавҳа пешниҳод гардидааст.

Қайд намудан зарур аст, ки автореферати диссертатсионии Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» аз нигоҳи сохтор, мазмуну мундариҷа, мувофиқ ба талабот таҳия шуда, муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Муаллиф авторефераташро дар сатҳи хуби илмӣ таҳия намуда, дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ, маводи матбуоти даврии маҳаллии Хатлон, осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба публитсистика, журналистикаи сайёҳӣ, ки дар монографияҳо, рисолаҳо, маҷаллаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра гирд оварда шудаанд, ба маврид истифода намудааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Расулзода К. Б. дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус оид ба журналистикаи сайёҳӣ, журналистикаи экологӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултету шуъбаҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, реклама ва PR, ширкатҳои сайёҳӣ ва дар фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма истифода кард.

Муаллиф мавзуи пажӯҳишро бо низоми илмӣ ба тартиб дароварда барои зина ба зина ҳал кардани вазифаҳои ба миён гузошташуда, дарнатиҷа ба ҳосил намудани таҳқиқоти комили илмӣ ноил гардидааст. Бобу зербобҳои он паҳлуҳои зарурии мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ҳамдигарро пурра гардонидаанд.

Бо назардошти ин, автореферати рисолаи диссертатсионии Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» таҳқиқи анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси аз руйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ сазовор меҳисобам.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филология,
дотсент, директори китобхонаи
илмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров: Самадова Д. Ҳ.

**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, хонаи 56, ҳуҷраи 10.
Тел.: (992) 92-777-34-27
E-mail: d-samadova@mail.ru
« 25 » январи соли 2025

**Имзои Д.Самадоваро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Б. Ғафуров Сайдуллозода З. С.
«25» январи соли 2025

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992-3422) 6-52-73.
www.hgu.tj